**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Омӯзишу пажуҳиши даврабандии васоити ахбори оммаи тоҷик, алалхусус матбуоти он, проблемаҳои иттилоотонии ҷомеа, амалкарди мутақобилаи медиа ва ҳокимият, ҳамзамон таҳаввулоти ВАО дар шароити ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷик қарор гирифтааст.

То замони оғози тағйироти ҷаҳонӣ дар солҳои 80-ум ва 90-уми асри XX, ки бо дигаргуншавӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ алоқаманд буд, дар ҷаҳон муносибатҳое мавҷуд буданд, ки дар натиҷаи зиддиятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иттилоотӣ байни мамлакатҳои тараққикардаи капиталистӣ ва мамлакатҳои сотсиалистӣ ба амал омада буданд. Чунин муносибатҳоро аксар вақт дуқутба, яъне рақобати байни ду давлати абарқудрати мавҷуда - ИМА ва ИҶШС меноманд. Аммо ҳаракат ба сӯйи Ғарб на аз он сабаб буд, ки иттифоқи собиқ коммунизм аз доираи нуфузи Иттиҳоди Шуравӣ баромад, балки сабаб он буд, ки пошхӯрии сохти сотсиалистӣ боиси тағйир ёфтани вазъияти иҷтимоию сиёсӣ, ташаккул ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ гардид.

Дар марҳилаи кунунии рушди ВАО дар фазои иттилоотӣ матбуот, радио, телевизион ва ожонсиҳои иттилоотӣ дар иттилоотонидани омма ва ташаккули ҷараёнҳои ахбор нақши ҳалкунанда доранд. Мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки дар он ҳар як навигарӣ дақиқ ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон табдил ёфтааст. Ин ҷараёнҳои иттилоотӣ тавассути каналҳои махсуси иттилоотӣ ва радиоӣ, инчунин сомонаҳои мухталиф пайваста интиқол дода мешаванд.

Автореферати пажуҳишгар Сафарализода Абдуҷаббор пурра ба кори илмиаш мувофиқ буда, тавре аз автореферат бармеояд диссертатсия аз муқаддима, се боб ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, бобҳо ба фаслҳо ҷудо шудаанд.

Вобаста ба мубрамияти мавзуи мавриди назар қайд кардан зарур аст, ки омӯзиши равандҳои табдили васоити ахбори омма ва муайян кардани тамоюлҳои асосии фаъолияти матбуоти даврии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкон медиҳад, ки қонунмандиҳои рушди фазои иттилоотии давраи пасошуравӣ амиқтар таҳлил карда шаванд. Чунин равиш на танҳо барои дарки таҷрибаи Тоҷикистон муҳим аст, балки ҳамчун заминаи арзишманди муқоисавӣ ҷиҳати омӯзиши низомҳои медиавии дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ хизмат мекунад.

Дар кор мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ба таври мушаххас муайян гардида, комилан ба ҳалли масъалаҳои муҳимми мавзуъ нигаронида шудаанд. Объект ва предмети таҳқиқ дуруст интихоб шуда, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд. Асоси методологии корро равишҳои маҷмуӣ, низомнок, муқоисавӣ, таҳлили функсионалӣ ва пурсишҳои коршиносӣ (экспертӣ) ташкил

дода, интихоби дурусти методҳои таҳқиқ ба муаллиф имкон додааст, ки масъалаҳои асосиро аз чанд ҷиҳат баррасӣ намояд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар кор бори аввал раванди гузариши матбуоти даврии Тоҷикистон аз низоми иттилоотии шуравӣ ба сохтори демократии миллӣ дар солҳои 1991-2020 ба таври фарогир таҳлил шудааст. Ин ҷанба арзиши илмии таҳқикро афзун намуда, онро ҳамчун саҳми назаррас дар рушди журналистика арзёбӣ мекунад.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии бадастомада заминаи назариявиро оид ба равандҳои таҳаввулоти мазмунию моҳиятии ВАО ва гузариши он ба матбуоти озоду демократӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ғанитар гардонида, барои муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи кунунии расонаҳо дар фазои иттилоотии кишвар хизмат мекунанд.

Муҳаққиқ дар кори таҳқиқиаш бештар аз таҳқиқоти олимону пажуҳишгарони хориҷӣ, аз ҷумла М. Кастелс, М. Маклюен, Р. Негрин, Г. Першке, К. Фиоре, И.И. Засурский, Л.М. Землянова, С.Г. Мелник, С. Миронюк, Д. Стровский, А.Н. Тепляшина, А. Чернов ва А.В. Чугунов истифода намудааст. Ҳамзамон, таълифоти олимони ватанӣ А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, И. Усмонов, М. Муқим, Ҷ. Яқубов ва дигарон дар пажуҳиши мазкур мавриди корбарӣ қарор гирифта, ҷиҳатҳои назариявии корро пурқувват менамоянд.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта, аз 3 фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали боби мазкур, ки **«Шароити сиёсию ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон дорад, муаллиф заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии низоми муосири матбуотро мавриди баррасӣ қарор додааст. Тавре муҳаққиқ иброз доштааст, шароити сиёсию ҳуқуқӣ дар солҳои аввали Истиқлол барои ташаккули низоми нави матбуоти тоҷик заминаи устувор фароҳам овард. Таҳлилҳои диссертант аз он дарак медиҳанд, ки маҳз дар ин давра васоити ахбори омма ба арсаи муқовиматҳои сиёсӣ кашида шуда, нақши онҳо дар мубориза ҳои идеологӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт.

Фасли дуюми боби аввал, ки **«Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад, ба моҳияти шаклгирии низоми ҳуқуқии матбуот дар оғози давраи соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст. Муаллиф асоснок мекунад, ки қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувору бунёдиро барои ташаккули қонунгузории муосири расонаҳо фароҳам овард. Дар ҳақиқат, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосӣ барои такмили тамоми қонунҳои соҳавӣ хидмат кард ва ба фаъолияти журналистон кафолати ҳуқуқӣ бахшид.

Дар фасли сеюми ҳамин боб таҳти унвони **«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма»»** муаллиф яке аз муҳимтарин санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти низоми матбуоти даврии кишварро дар замони истиқлол мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Тавре муҳаққиқ иброз медорад муҳиммияти қонун дар ин омил низ зоҳир мегардад, ки он асоси ҳуқуқии гуногунандешӣ ва демократияро

фароҳам овард. Бо қабули он нашриёҳои ҳизбӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ таъсис ёфтанд, ки фазои иттилоотии кишварро рангоранг сохтанд.

Зерфасли якуми фасли сеюми боби якум, ки **«Ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он»** унвон дорад, ба таҳлили масъалаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ бахшида шудааст. Ба андешаи диссертант, дар шароити муосир арзиши бунёдии ҷомеаи иттилоотиро на танҳо моликияти моддӣ, балки натиҷаи фаъолияти эҷодии инсон, яъне моликияти зеҳнӣ ташкил медиҳад.

Дар зерфасли дуюми фасли сеюми боби якум таҳти унвони «**Танзими реклама дар воситаҳои ахбори омма»** муҳаққиқ феномени рекламаро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири тиҷорати муосир мавриди баррасӣ қарор дода, ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии он, ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва таъмини риояи меъёрҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020»** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввали он, ки «**Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ шудааст, ба омӯзишу баррасии таърихи шаклгирии агентиҳои хабарӣ ҳамчун унсури калидии низоми расонаҳо ва сарчашмаи аслии иттилоот барои матбуоти даврӣ, радио ва телевизион бахшида шудааст.

Дар фасли дуюми ҳамин боб таҳти унвони **«Хусусиятҳои амалкарди ВАО ва гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳои Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ»** муаллиф хусусиятҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва ҷойгоҳи гуногунандешии сиёсиро дар фазои расонаии кишвар мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Нақш ва мақоми ВАО дар раванди демократикунонии ҷомеа»** ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввали он, ки **«Нақши ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти ҷомеа»** унвон гирифтааст, ба таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ворид шудани ҷомеаи тоҷик ба марҳалаи нави рушди сиёсию иҷтимоӣ бахшида шудааст. Муаллиф собит месозад, ки дар ин давра расонаҳо вазифаи муҳимми дастгоҳи робитаи байни давлат ва ҷомеаро иҷро намуда, дар баланд бардоштани фарҳанги сиёсии шаҳрвандон нақши назаррас бозидаанд.

Фасли дуюми боби сеюм **«Марҳилабандии фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ»** ном дошта, дар он хусусиятҳои рушду таҳаввули фазои расонаии кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ баррасӣ мешавад. Диссертант дуруст таъкид мекунад, ки марҳалабандии фазои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки ҷараёни таҳаввули матбуоти миллӣ аз назари илмию таърихӣ саҳеҳ ва дақиқ арзёбӣ карда шавад. Ҳар марҳила ҳамчун ҳалқаи пайвастаи як раванди ягона амал намуда, дар маҷмуъ, ба ташаккули низоми матбуоти миллӣ, таҳкими истиқлол ва рушди ҷомеаи демократӣ мусоидат кардааст

Новобаста аз ин, дар автореферат ва пажуҳиши диссертатсионии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ баъзе нуқсонҳо, ғалатҳои техникию имлоӣ ва мантиқӣ мушоҳида мешаванд, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар автореферати диссертатсия нисбат ба муҳаққиқони тоҷик аз муҳаққиқони беруна бештар иқтибос овардааст.

2. Агар ҳангоми пажуҳиш низоми ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ягон ҷумҳурии собиқ шуравӣ муқоиса мегардид, қиммати кор боз ҳам меафзуд.

3. Такрор омадани баъзе калимаҳо дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, ки боиси номавзунии матн гаштаанд.

Камбудиҳо зикршуда ҷузъӣ буда, мазмуну мундариҷа ва аҳаммияти илмии авторефератро коста намегардонанд. Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз нигоҳи сохтор, мундариҷа, муҳтаво ва мазмун дуруст таҳия шуда, моҳияти асосии кори диссертатсиониро фаро мегирад.

**Хулоса,** автореферати диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» таҳқиқи анҷомёфта буда, ба талаботи Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ мувофиқат мекунад. Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи журналистика ва иттилооти рақамии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сайфитдинова Г.А.
«13» июни соли 2026.

Нишонӣ: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев,
бинои 92, хуҷраи 12
Телефон: (+992) 904-09-44-47
E-mail: gulchehra.sayfiddinova@mail.ru

Имзои Сайфитдинова Гулчеҳра Азимовнаро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадр ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.
«13» июни соли 2026.

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
Телефон: +992 (37) 232-50-00
E -mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru
Сомона: dbz.tj